**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-003**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**06 - уми июли соли 2024** **№ 79** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи комплекси агросаноатии ДМТ, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сафоев Абдумаҷид Каримович ва доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050900-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Яқубзода Маъруф Садруддин, баромади мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов З., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Ҳ.У.-ро шунида ва муҳокима намуда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Холов Абдулҳамид Мирзомадович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори маҷлиси Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Холов Абдулҳамид Мирзомадовичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Зид? - нест, Бетараф? - нест. Якдилона қабул гардид.

**Раисикунандаи Шуро:** Муҳтарам аъзоёни Шурои диссертатсионӣ! Ягон савол ё пешниҳод оид ба тартиби гузаронидани маҷлиси Шуро ҳаст. Нест!

**Раисикунандаи Шуро:** иҷозат диҳед унвонҷӯро барои ҳимояи бо муваффақияти диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шурои диссертатсионӣ ҷиҳати фаъолияти пурмаҳсулашон изҳори ташаккур намоям.

Бо ҳамин маҷлиси навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раисикунадаи маҷлиси**
**шурои диссертатсионӣ, муовини**
**раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Низомов С.Ф.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**06.07.2024 с.**